**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
доктори илмҳои таърих, профессор
Усмонзода А.И. ____________
«25» апрели соли 2023

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсия ва автореферати **Шамсова Бибихосият Қудратовна** дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

**Мубрамияти таҳқиқот**

Рисолаи унвонҷӯй Шамсова Бибихосият Қудратовна дар партави иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Чораҳо оид ба такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ҶТ дар давраи то соли 2030” ба анҷом расида, ба яке аз самтҳои муҳим ва муосири методикаи таҳсилоти касбӣ – ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки рисола дар марҳилае ба иҷро расидааст, ки Пешвои миллат, Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзиши забонҳо, инҷумла забони англисӣ дар муассисаҳои гуногун зинаи таҳсилоти Тоҷикистон, аз ҷумла макотиби олӣ, таваҷҷӯҳ ва мароқи комил зоҳир мекунанд.

Мусаллам аст, ки раванди муосири рушди масоили иқтисоди ҷаҳонӣ ба омодагии касбии мутахасисони забондон ва забоншинос, ташаккули қобилияти муошcarати байналмиллалӣ ва байнифарҳангии онҳо тавассути забони англисӣ аҳамияти беш аз пеш пайдо мекунад. Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бо кишварҳои гуногуни дунё робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дорад ва дар ин росто донистани яке аз забонҳои бонуфузи дунё – забони англисӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Забони англисӣ дар замони муосир на танҳо забони муошırати байналмиллалӣ ва иртиботи байни кишварҳост. Он инчунин забони илму техника, технологияҳои инноватсионӣ, забони конфронсҳо ва ҳамоишҳои бошукуҳи иқтисодӣ аст, ки минҷумла дар кишвари мо бо иштироки олимон, муҳаққиқон ва намояндагони гуногунзабони кишварҳои дунё баргузор мегардад ва бо ин забон садо медиҳад. Ба ин хотир омодагии касбии муҳассилини макотиби олӣ дар самти чуқур ва комил аз бар намудани забони англисӣ бо истилоҳоти иқтисодӣ ва вожаҳои дигари ба ин соҳа марбут ногузир ва ҷавобгӯи талаботи давру замон аст.

Аз нигоҳи муаллиф муайян намудани асосҳои илмӣ-назариявӣ, коркарду пешниҳоди роҳу усули босамар ва нишонраси таълими истилоҳоти иқтисодӣ ҳини омӯзиши забони англисӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши низому раванди таъмини муошırати тахассусӣ ба донишҷӯёни риштаи иқтисодии макотиби олии кишвар имкон медиҳад, ки барои расидан ба ин ҳадафи аҳамияти бузурги амалидошта омода бошанд.

Дар рисола моҳияти гузориши масъала аз мавқеи салоҳиятмандии касбии донишҷӯён дар партави фаъолияти минбаъдаи онҳо чун мутахассиси соҳибзабон тавассути вусъати дониш, маҳорат ва малакаи муошırати самти иқтисодӣ ҳини омӯзиши забони англисӣ дар мактабҳои олии ҶТ (самти иқтисодӣ) ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Шиносоӣ бо диссертатсияи уновонҷӯй собит месозад, ки маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи онро ғояи муаллиф дар самти ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи модели махсус ва технологияи инноватсионӣ, омода кардани кадрҳои болаёқат ташкил медиҳад.

Муаллифи рисола мутмаин аст, ки азхудкунии истилоҳоти касбӣ аз ҷониби донишҷӯёни ихтисоси иқтисодӣ дар сурате самаранок хоҳад буд, ки агар методу воситаҳои муосири таълим, низоми дар заминаи матн ва машқу супоришоти коммуникативӣ омӯхтани вожаву истилоҳоти иқтисодӣ ба роҳ монда шавад. Маҳз тавассути ин усули таълим мафҳуми амиқ ва маъниҳои мубраму мушаххаси калимоту истилоҳоти иқтисодӣ ба азхудкунии воҳидҳои мувофиқи забони англисӣ роҳи васеъ мекушояд. Натиҷа ва самараи чунин пешниҳод дар таълиму омӯзиши вожаву истилоҳоти иқтисодӣ басалоҳиятмандии касбӣ ва фаъолияти самараноки мутахассиси ояндаи забондон мусоидат мекунад.

Дар рисолаи мазкур роҳҳои ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими

забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути ҳамкории педагогӣ ва дар заминаи робитаи воқеӣ бо ин забон чун унсури ҷудонашаванда ва ногусастаи раванди таълиму тадрис пешниҳод шуда, аз нигоҳи тавонмандӣ, фаъолмандӣ ва пайваста рушдёбии шахсияти донишҷӯи иқтисодшинос арзёбӣ шудааст.

Унвонҷӯй ба дарёфти консепсия ва равиши илмӣ-методӣ аз манзари **фарзияи** асоснок муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бaшарте таъмин мегардад, ки агар таснифоти истилоҳоти иқтисодӣ ва махсусияти семантикии онҳо муайян карда шавад. Ҳамчунин принсипҳои дидактикию асосҳои методии таълиму омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ коркард ва пешниҳод гардад. Дар фарзия самаранокии роҳу усули таълими истилоҳоти иқтисодӣ ба забони англисӣ бо баргузорӣ ва натиҷагирии озмоиши таҷрибавӣ, ҷамъбаст ва хулосаҳо ба маркази диққати рисола гузошта шудааст.

Муаллиф комилан дуруст пай мебарад, ки ҳадди ақалли лексикӣ, методикаи таълими истиолоҳоти иқтисодӣ ва системаи машқҳое, ки тибқи нақшаи пешгирифта роҳандозӣ шудаанд, имкон медиҳад, ки модули таълимӣ таъсис додашуда, онро тавассути фаъолмандии мустақили донишҷӯён дар самти рушди захираи луғат ва истилоҳоти иқтисодӣ ба кор андохт.

Нуктаи дигари муҳими рисола аз он иборат аст, ки барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ вусъати ҳавас ва шавқу рағбати онҳо дар омӯзиши ҳам забон ва ҳам мафҳумҳои хоси тахассусӣ муҳим ва ногузир аст. Роҳ ва усулҳои пешгирифтаи муаллифи рисола ҷиҳати ташаккули тавонандии гуфтор, навиштор ва иртиботи коммуникативии донишҷӯёни ихтисоси иқтисодӣ ҳини омӯзиши забони англисӣ дар раванди муосири робитаҳои байналмиллалӣ аҳамияти хос пайдо мекунад ва ҳалли муваффақонаи масъаларо ба қатори арзишҳои муҳимми рисолаи мазкур метавон гузошт.

Унвонҷӯй дар ҳалли масъалаҳои ба миён гузошта дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва осори илмии олимони ватанӣ, рус ва кишварҳои дигар муваффақ шуда, тавассути таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа консепсияи шахсии хешро таҳия ва роҳнамоӣ кардааст. Шиносоӣ бо рисола собит кард, ки муаллифи диссертатсия дар самти интихобкардаи хеш ба татбиқи фарзияву дастовардҳои назарраси илмӣ муваффақ шудааст.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли **вазифаҳои** зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

1. Омӯзиш ва муайян кардани вазъи кунунии таълими забони англисӣ дар риштаҳои иқтисодии донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Интихоби минимуми лексикаи касбӣ ва истилоҳоти иқтисодӣ, тасниф ва шарҳу эзоҳи онҳо.

3. Муайян кардан принсипҳои дидактикӣ ва методии таълими истилоҳоти касбӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ.

4. Коркард ва истифодаи маҷмӯи машқу супоришот дар доираи матнҳои соҳавӣ бо фарогирии истилоҳоти иқтисодӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ дар макотиби олӣ.

6. Ташкили таълими таҷрибавии истилоҳоти иқтисодӣ, таҳлил, натиҷабардорӣ, ҷамъбаст ва хулосаҳо бо ҳадафҳои ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён риштаи иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома** дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳишсозгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии техникӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола тасдиқи хешро ёфтааст.

**Навгонии илмии тадқиқот**:

1. Бори нахуст дар илми педагогикаи ватанӣ роҳу равиши нави таҳқиқи ташаккули салоҳиятмандии касбиидонишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди омӯзиш ва ҳалу фасл қарор дода шуд.

2. Муқаррар кардани принсипҳо ва меъёрҳои интихоби истилоҳоти иқтисодӣ аз забони англисӣ дар самти ташаккули салоҳиятмандии касбиидонишҷӯёни риштаи иқтисодӣ.

3. Коркарди модели ташаккули салоҳиятмандиидонишҷӯён бо мақсади ғанӣ гардонидани захираи луғат ва истилоҳоти соҳавӣ (иқтисодӣ), ки самарабахшии омӯзиши забони англисиро дар партави таъмин муоширати касбӣ таъмин мегардонад.

4. Низоми санҷиши ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки асосҳои робитаи коммуникативӣ, касбӣ ва шахсияти забондонро фаро мегирад, пешниҳод гардидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар рисола дар асоси талабот нисбати мутахассисони ояндаи самти иқтисодӣ дар азхудкунӣ ва мавриди амал қарор додани истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди гуфтор ва муоширати озод бо забони англисӣ модели ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён, ки мақсад, вазифаҳо, муносибатҳо, принсипҳо, қисматҳо, сохтор ва мундариҷаи таълимро фаро мегирад, коркард карда шудааст. Модели пешниҳодшуда дар рушди маърифатӣ-зеҳнии донишҷӯён ва самаранокии технологияи педагогӣ ҳини омӯзиши забони хориҷӣ хидмат мерасонад, ки он ҳама ба рушди шахсияти забондон ва фаъолмандии вай ба забони англисӣ мусоидат менамояд.

Маводҳои таҳқиқотро дармавриди хондани курсҳои махсус, баргузории семинарҳои махсус, давраи таҷрибаомӯзӣ, тренингҳо метавон фаровон истифода бурд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар он зикр меёбад, ки ӯ ҷиҳати асоснок намудани консепсия ва ғояҳои таҳқиқот, андешаҳои методии марбут ба гузориш ва ҳали масъала, коркарди амсилаи консептуалӣдар заминаи ақидаҳои илмӣ андешаронӣ карда, дар ташаккули салоҳиятмандии касбиидонишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муваффақ шудааст.

Қобили зикр аст, ки натоиҷи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, ДМТ, Донишгоҳи байнамиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, маҷмӯаҳои маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо интишор ва муфассал баррасӣ шуда, дар 17 номгуйи асару мақолаҳо, маводҳои таълимӣ-методӣ инъикос ёфтааст, ки 3 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи унвонҷӯй аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 175 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос гардидааст. Дар матн 3 ҷадвал, 6 диаграмма мавҷуд буда, рӯйхати адабиёт 195 манбаъро фаро мегирад.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷи байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ** –масъалаҳои марбут ба самтҳои назариявии салоҳияти ксбии донишҷӯён ҳамчун проблемаи таҳқиқот дар адабиёти илмии ватанӣ ва берун аз он, мавқеи истилоҳоти касбии

иқтисодӣ ҳини омӯзиши забони англисӣ дар макотиби олӣ, таснифоти истилоҳоти иқтисодӣ ва вижагиҳои маънои онро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Гузориш ва таҳқиқи проблемаи илмии гузошташуда имкон дод, ки муаллиф баррасии хусусиятҳои хоси таълими вожаю истилоҳоти иқтисодиро дар макотиби олии риштаи мазкур (иқтисодӣ) муқаррар намояд. Дар диссертатсия собит шудааст, ки ҳангоми омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ луғати касбӣ ва истилоҳоти хусусӣ ҷузъи муҳимми ҷараёни таълим ба шумор меравад.Он худфаъолии муҳассилин, арзёбии нерӯ ва қудрату тавоноӣ, дурустӣ ва саҳеҳии донишу маҳорат ва малакаи субъектҳои таълимро ба маркази диққат мегузорад. Зиёда аз ин, аз ҷониби муаллифи рисола муайян карда шудани махсусиятҳои таълиму омӯзиши ин гурӯҳи воситаҳои забон аз бозёфтҳои тозаи пажуҳиши мазкур маҳсуб меёбад.

Боби дувуми диссертатсия – **«Истифодаи технологияҳо иинноватсионӣ ҷиҳати истифодаи истилоҳоти иқтисодӣ дар ҷараёни таълими забони»** иборат аз баррасию таҳқиқи ҷанбаҳои гуногун: технологияҳои инноватсионӣ, принсипҳо ва меъёрҳои истифодаи истилоҳоти иқтисодӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ, маҷмӯи машқҳо ҳангоми аз таҷрибавии мутахассисони соҳаи иқтисодиёт ва фаъолгардонии истилоҳоти иқтисодӣ, самаранокии технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули салоҳиятмандии касбӣ ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар давраи таълими таҷрибавии мутахассисони соҳаи иқтисодиёт мебошад.

Дар боби дуюм муаллифи рисола муваффақ шудааст, ки барои ба амал ҷорӣ намудани самараноки технологияи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барномаи таҳқиқоти таҷрибавӣ-омӯзишӣ коркард намояд. Модели пешниҳод кардаи муаллиф дар ин самт ҷанбаҳои зеҳнӣ-когнитивӣ ва коммуникативиро дар бар мегирад ва дар таъмини муоширати касбӣ бо забони англисӣ роҳи васеъ мекушояд.

Муаллиф маълумотҳои таҳқиқоти дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (риштаҳои иқтисодӣ), Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон гузарондаашро ба асос гирифта, меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккулёбии салоҳиятмандии касбии донишҷӯёни самти иқтисодиро дар раванди таълим ва омӯзиши забони англисӣ арзёбӣ намояд. Ба ақидаи унвонҷӯй, хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии

риштаи иқтисодӣ бояд соҳиби миқдори муайяни захираи луғат ва истилоҳоти касбӣ буда, дар мавридҳои мувофиқи гуфтор ва муоширати касбӣ аз онҳо фаровон бояд истифода бурда тавонад.

Таҳлили рисола ва натиҷаҳои ба даст омада собит мекунад, ки низоми педагогӣ-методии пешниҳодгардида ба ташаккули донишу малакаҳои устувори ба ҳам алоқаманд, пайваста ва зина ба зина ташаккулёбии салоҳиятмандии касбии муҳассилини макотиби олии самти иқтисодӣ, ҳамгироии фанҳо, донишу таҷрибаҳои ҳосилшуда, мавҷудияти унсурҳои қарину монанди забонҳо дар доираи воҳидҳои забонӣ мусоидат мекунад.

Дар боби дуюм санҷиши модели пешниҳодшуда ва татбиқи авомили технологияи педагогӣ зимни ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни риштаи иқтисодии макотиби олии кишвар ҳини омӯзиши забони англисӣ аз нигоҳи самаранокии технологияҳои пешқадам дар раванди таълим баррасӣ шудааст. Мазмуну мундариҷаи модели салоҳиятмандии касбии донишҷӯён-мутахассисони ояндаи соҳаи иқтисодиёт дар машғулиятҳои забони хориҷӣ бо ягонагӣ ва яклухтии қисмҳои таркибӣ (ҳадаф, вазифа, пешбинӣ, низом, тартиб, санҷиш, баҳодиҳӣ) тавсиф ёфтаанд.

Дар қисмати ниҳойии диссертатсия муаллиф тавсияҳоро ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодмекунад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна дар мавзӯи "Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

Рисола ба талаботи "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар солҳои 2021-2030 ҷавобгӯ буда, доир ба яке аз бандҳои асоси он, ки ба тахқиқи илмӣ ва коркарди ҷанбаҳои бунёдӣ ва назаривию амалии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои тахсилоти олии ҷумҳурӣ нигаронида шудааст, тааллуқ дорад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар рисола таҳлили барномаи таълими забонҳи англисӣ, китобҳои амалкунандаи дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ аз нигоҳи вазъи ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён дар раванди омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии тахассусӣ мушоҳида нагардид. Дар ин бобат унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси бозёфт ва ё нокисиҳои барномаву китобҳои дарсӣ дар партави проблемаи таҳқиқот баён намояд.

2. Дар рисола оид ба фарқияти вожаю истилоҳот, хусусияти фарққунандаи интихоби лексикаи касбӣ, роҳу равиши шарҳу эзоҳи онҳо маълумоти саҳеҳ ба назар нарасид.

3. Дар рисола вожаҳои “салоҳиятмандӣ”, “салоҳияти касбӣ” аз нигоҳи фаҳмиш ва андешаҳои хоси муаллиф мебоист таҳлил ва пешниҳод мегардид.Аз ҷумла, таносуби вожаҳои “салоҳият” (компетенция) ва “салоҳиятмандӣ” (компетентность) дар забонҳои русӣ, англисӣ ва тоҷикӣ ба ҳам комилан мувофиқанд, ё фарқият байни онҳо ба мушоҳида мерасад.

4. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовнаро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои зарурӣро ба таври возеҳва васеъ истифода кардааст. Муаллифи аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад. Унвонҷӯй тадқиқоти масъалаи гузоштташударо дар робита бо истифодаи технологияи инноватсионӣ муваффақона ва дар сатҳи пурарзиш ба анҷом додааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шамсова Бибихосият Қудратовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 25 апрели соли 2023 Шамсова Б.Қ. дар мавзӯи «Асосҳои ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ ба забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ” маърӯза карда, ба саволҳо ҷавобҳои пурра ва мушаххас дод (роҳбари семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллима Ҳошимова Г.Г.)

Тақриз аз ҷониби мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон

Ғафуров”, номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллима Ализода Ш. мураттаб шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар таърихи 25 апрели соли 2023 муҳокима шуда, мавриди дастгирии якдилона қарор ёфтааст (суратҷаласаи №9).

**Роҳбари семинари илмӣ-назариявии**
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии МДТ “ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров”
номзади илмҳои педагогӣ,
сармуаллима Ҳошимова Г.Г.

**Мудири кафедраи педагогикаи**
**иҷтимоӣ ва касбии** МДТ
“ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров”
номзади илмҳои педагогӣ,
сармуаллима Ализода Ш.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700, РТ, г. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
**Тел.:** (+992) 926245002 (моб.);
+992 3422 65273 (корӣ)
**Почтаи электронӣ:** shoirakhon.valizoda@mail.ru

Имзои Ҳошимова Г.Г. ва
Ализода Ш.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадр ва корҳои**
**махсуси МДТ “ДДХ ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров”** Наврӯзов Э.М.